«ТАСДИК МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.______________
«___»______________2022 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи муқарриз ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия** ба омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои биологии растаниҳо, аз ҷумла обсабзҳо, гуногуншаклӣ, сохтори систематикӣ ва таркиби флораи онҳо яке аз масъалаҳои муҳими илми биология буда, дар беҳдошт ва пешгирии таназзули онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Обсабзҳо организмҳои фотоавтотрофӣ буда, дар биотопҳо, аз ҷумла масканҳои обҳои табиӣ ва сунъӣ ба таври васеъ паҳн гардидаанд. Бо назардошти рушди илмҳои биологӣ солҳои охир ба омӯзиш ва шинохти обсабзҳо ва гуногуншаклии онҳо таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Зеро обсабзҳо дар тоза намудани биологии обҳои равон, баланд бардоштани ҳосилнокии хок, маҳсулнокии обанборҳо ва барои ба даст овардани маводҳои ғизогӣ ва хӯроки чорво, аминокислотаҳо, витаминҳо, маводҳои доруворӣ ва ғ. васеъ истифода мешаванд.

Сохтори рисолаи номзадӣ анъанавӣ буда, он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима ба таври маъмул аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи тадқиқот, бозёфти илмии рисола, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии рисола баррасӣ шудаанд. Муқаддимаи рисола аз ҷиҳати бандубаст, сохтор ва ҷобаҷогузории бахшҳо дуруст тарҳрезӣ шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯй Мирсабуров Ш.М. дар ҷараёни кор аз мушаххас кардани вазифаҳои таҳқиқот, интихоби усули методология ва гузаронидани озмоиш, ҷамъоварӣ ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи хулосаҳои рисола иборат аст. Рисолаи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, муаллифи он дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ, таҳлилу хулосабарорӣ ва навиштани рисола саҳми комил дорад.

Унвонҷӯ аввалин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон омӯхта, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳо пешниҳод кардааст. Аввалин маротиба рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ тартиб дода шудааст, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегиранд. Аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар боби якуми рисолаи номзадӣ ба ҳолат ва дурнамои омӯзиши обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон маълумоти муфассал оварда шуда аст.

Унвонҷӯ дар боби якум доир ба омӯзиши таснифотӣ ва паҳншавии обсабзҳо вобаста ба мавсими сол, таҳқиқотҳои илмии гузаронидаи олимони табиатшинос ба монанди К.А. Гусева , А.М. Ермолаева, А.П. Скабийчевский, А.М. Музафаров, А.Э. Эргашев, Ҳ.Ҳ. Ҳисориев, А.А. Темиров ва дигарон маводҳо пешниҳод намудааст.

Дар боби якум аз таҳлили муаллиф маълум гардид, ки дар Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон танҳо обсабзҳои эвгленофитӣ, диатомӣ ва обсабзҳои кабуду сабз танҳо дар баъзе кӯлҳои табиӣ ва обанборҳо омӯхта шудаанд. Вале оид ба сохт, шакли паҳншавии экологию географии намудҳо, тағйирёбии мавсимии обсабзҳои сабз дар ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пурра таҳқиқ нашудааст.

Боби дуюм ба таври муфассал оиди тавсифи физикӣ, географӣ, гидрологӣ ва набототи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мавод ва методҳои таҳқиқотии рисолаи номзадӣ дар боби 3-юм дарҷ гардидаанд. Дар ин боб нишон дода шудааст, ки маводи таҳқиқотӣ доир ба гуногунии биологии обсабзҳои сабз дар минтақаҳои таҳқиқотии қисмати Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аз обанборҳои Бахри тоҷик, Каттасой, Даҳанасой, ҳавзаи дарёҳои Сирдарё, Исфара, Зарафшон ва Искандаркӯл ҷамъоварӣ карда шудаанд. Коркарди намунаҳои ҷамъовардашуда дар асоси методикаи қабулгардидаи омӯзиши обсабзҳо дар шакли зинда ва бо маҳлули 2-4%-и формалдегид коркард шуда, аз рӯи нишондодҳои М.М. Голлербах, В.И. Полянский, Водоросли, Ҳ.Ҳ. Ҳисориев гузаронида шуданд.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум гардид, ки бо назардошти маълумоти адабиёти илмӣ дар бораи омӯзиш ва паҳншавии обсабзҳои сабз дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва коркарди намунаҳои ҷамъовардашуда истифода бурдан мумкин аст.

Дар натиҷа, унвонҷу Мирсабуров Ш.М. вазифаҳои дарпешгузоштаи худро дар сатҳи баланд иҷро намуда, натиҷаҳои беҳтаринро аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ ба даст овардааст.

Хулосаҳо дақиқ буда, асоснок карда шудаанд ва пурра натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро инъикос менамояд.

<u>Эродҳо оид ба баъзе камбудиҳои диссертатсия</u>

Новобаста ба муваффақиятҳои бадастовардаи муаллиф, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия адабиёти нав бо забони хориҷӣ оид ба мавзӯъ кам ба чашм мерасанд.
2. Диссертатсия аз хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ холӣ нест.
3. Пурра дарҷ нагардидани усулҳо ва маводи омӯзиш ба назар мерасад.
4. Дар таҳлили муқоисавии флораи обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бо флораи дигар минтақаҳо Тоҷикистони Марказӣ ба инобат гирифта нашудааст.

Камбудиҳои дар боло зикршуда ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз  рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника пешниҳод шудааст дар назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ иҷро шудааст.

Кори ба анҷом расонидашуда натиҷаҳои навтаринро фаро гирифта, дар оянда пас аз омӯзиши иловагӣ, ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ барои омӯзиши минбаъдаи алгофлораи минтақаи таҳқиқотӣ ва ҳамчун маводи таълимӣ дар омӯзиши фанҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Аз рӯйи муҳиммият, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ диссертатсия мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи

намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника арзанда аст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи ботаникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон суратҷаласаи №4 аз 23.11.2022, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар ҳайати кафедра иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» - 12 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф » - нест.

Раиси ҷаласа:
И.в. мудири кафедраи ботаникаи
ДМТ, н.и.б, дотсент — Ҷ.М. Бобокалонов

Омодасози лоиҳаи тақриз:
Профессори кафедраи ботаника — Р.Б. Сатторов

Котиб:
Лаборанти калони кафедра — Р.Б. Олимова

Имзоҳои Бобокалонов Ҷ.М.,
Сатторов Р.Б., Олимова Р.Б. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992 -37) 221 62 25;
факс: 227-15-10.
E- mail: info@ tnu.tj

2. 12. 2022